118098 - Издивоҷи мусулмонзан бо марди ғайримусулмон ботил аст ва ҳамбистарӣ бо ӯ зино ҳисобида мешавад

савол

Мавқеи Ислом нисбати мусулмонзане, ки бо марди ғайримусулмон издивоҷ кардааст, чӣ гуна аст? Зеро ӯ ба ин чиз ниёз дошт, яъне ба ин издивоҷ маҷбур шуда буд?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Издивоҷи мусулмонзан бо марди кофир ҷоиз нест ва ин никоҳ дуруст намебошад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلاَ تُنكِحُواْ الْمُشرِكِينَ حَتَّى يُؤْمِنُواْ

(سورة البقرة: ٢٢١).

«Ва ба мардони мушрик то имон биёваранд, занони мӯъминаро мадиҳед». (Сураи Бақара: 221).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَإِنْ عَلِمْتُمُوهُنَّ مُؤْمِنَاتٍ فَلا تَرْجِعُوهُنَّ إِلَى الْكُفَّارِ لا هُنَّ حِلٌّ لَهُمْ وَلا هُمْ يَحِلُّونَ لَهُنَّ

(سورة الممتحنة: ١٠).

«Пас, агар ононро занони мӯъмин ёфтед, ононро ба сӯи кофирон бознагардонед. На инон (занони мӯъмин) бар онон (мардони кофир) ҳалоланд ва на онон (мардони кофир) бар инон (занони мӯъмин) ҳалоланд». (Сураи Мумтаҳана: 10).

Маҷбур будани мусулмонзан ба ин чиз, узре нест, ки бояд ба ин издивоҷ розӣ шуда ба он

гардан ниҳад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Фармонбардории махлуқ дар маъсияту нофармонии офаридгор (Аллоҳ) ҷоиз нест».**

Ин никоҳ ботил ва ҳамбистарӣ бо ӯ зино ҳисобида мешавад". Поёни сухан.

"Ал-Мунтақо мин фатово-л-фавзон" (3/174).